# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №2**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 12.09.2023, №2**
**Оид ба сазовор донистани Сафаров Абдували Маҳмадсаидович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Диссертатсияи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба ҳимоя 08 июли соли 2023, суратмаҷлиси №7 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2023, № 63/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Абдували Маҳмадсаидович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1986 таваллуд шудааст.

Соли 2008 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм кардааст.

Дар давоми солҳои 2008-2017 дар ҶДММ "Кишт-М" дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Аз соли 2017 то 2021 дар ҶДММ "Эҷодиён" ба ҳайси менеҷер фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то ба имрӯз дар вазифаи ходими хурди илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон адои вазифа дорад.

Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович аз соли 2019 инҷониб унвонҷӯи кафедраи менеҷменти ДДТТ мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Обидов Фозил Саидович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Ёров Ҷамшед Нуруллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва туризми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ аз 25 августи соли 2023, суратҷаласаи №1 баррасӣ гардидааст. Тақриз аз тарафи эксперт, мудири кафедраи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ, номзади

илмҳои ҷомеашиносӣ, дотсент Ҳасанов Раҳмонуддин Ҳасанович таҳия гардида, аз тарафи ректори донишгоҳи мазкур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 12 интишори илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. Сафаров А.М. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2020. -№ 3(32). -С.138-145. ISSN 2308-054X.

[2-М].Сафаров А.М. Ҷанбаҳои назариявии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2020. № 4/1(33). -С.104-111. ISSN 2308-054X.

[3-М].Сафаров А.М. Вопросы экономико-математического моделирования показателей развития туризма [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Журнал, Экономика Таджикистан 1. – Душанбе, 2021 - С. 165-170. ISSN 2310-3957.

[4-М]. Сафаров А.М.Такмили механизми рушди ширкатҳои сайёҳӣ [Матн] /А.М. Сафаров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон– Душанбе, № 3(42)-2022.145-149. ISSN 2308-054X.

[5-М].Сафаров А.М. Татбиқи механизмҳои асосии ташкилию иқтисодии рушди иқтидори хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ [Матн] /А.М. Сафаров //«Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» №1/2(98)- Бохтар, 2022 -С.319-326.

[6-М]. Сафаров А.М. Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Конференсияи VIII -уми илмию амалии байналмилалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили

мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», ДДТТ 25-сентябри соли 2020– Душанбе, -С.125-129.

[7-М]. Сафаров А.М. Особенности развития туризма в современных условиях [Матн] /А.М. Сафаров//китоби олимони ҷавони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – Душанбе, 2021-С.205-209.

[8-М]. Сафаров А.М.Масоили амсиласозии иқтисодӣ-математикии нишондиҳандаҳои рушди туризм [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев //Китоби олимони ҷавон, институти иҷтисодиёт ва демографияи Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2021. ISSN 2310-3957, С. 342-347.

[9-М].Сафаров А.М. Проблемаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикии нишондиҳандаҳои рушди туризм [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Журнал, Иқтисодиёти Тоҷикистон - Душанбе, 2021. -С.145-149

[10-М].Сафаров А.М.Самтҳои асосии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизмарасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита, [Матн] /А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Материалы VII Международной научно-практической конференции (29-30 декабря 2021г., г. Душанбе). Под ред. к.э.н., доцента Шобекова М. –Душанбе: ОИПБА РТ, 2021. - 224с. -С.142-146.

[11-М]. Сафаров А.М.Развития туризма в современных условиях, Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита [Матн] /А.М. Сафаров // Материалы VII Международной научно-практической конференции (29-30 декабря 2021г., г. Душанбе). Под ред. к.э.н., доцента Шобекова М. –Душанбе: ОИПБА РТ, 2021. - 224с.-С.159-164.

[12-М]. Сафаров А.М. Стратегия ва самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ, Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита[Матн] /А.М. Сафаров //Материалы VII Международной научно-практической конференции (29-30 декабря 2021г., г. Душанбе). Под ред. к.э.н., доцента Шобекова М. –Душанбе: ОИПБА РТ, 2021. - 224с. -С.178-183.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Аз д.и.и., профессори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабборов А.Д. бо чунин эродҳо: 1) Дар қисмати назариявии автореферат механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ нокифоя тавзеҳ дода шудааст. 2) Муаллиф дар диссертатсия барои баҳои воқеӣ додан ба фаъолият ва хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ матритсаи SWOT-таҳлилро гузаронидааст (ҷадвали 5). Аммо, паҳлуҳои таъсиррасони он дар мисоли объекти мушаххас арзёбӣ нагардидааст.

2. Аз д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ Мирсаидов С.А. бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферат ба таври кофӣ стратегияи маркетинги рушди сифати ширкатҳои сайёҳӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст; 2) Фишангҳо ва механизмҳои стратегияи ҳамгироӣ дар фазои ҷаҳонии сайёҳӣ дар автореферат ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

3. Аз н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ З.С.Содиқзода бо чунин эродҳо: 1) Дар авторефрат муаллиф SWOT-таҳлили фаъолияти сайёҳии кишварро анҷом

додааст (Ҷадвали 5), аммо дар объекти мушаххас натиҷа ва чораҳои бартарафсозии омилҳои манфиро нишон надодааст; 2) Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ риоя нашудааст; 3) Муаллиф мебоист таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар бозори хидматрасонии сайёҳӣ ба инобат гирифта, зарурияти истифодаи онро дар ширкатҳои сайёҳӣ тавсия мекард.

4. Аз н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар Маҷнунова М. бо чунин эродҳо: 1). Дар қисмати назариявии автореферат мавқеъи муаллиф оид ба хизматрасонии сайёҳӣ кам ба назар мерасад, яъне ихтилофи андешаҳои муаллиф дида намешавад; 2). Дар автореферат зикр шудааст, ки ҳангоми таҳлили гурӯҳбандии хизматрасониҳои сайёҳӣ омилҳое ба назар гирифта мешаванд, ки ба рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд (ҷадв. 2). Аммо ин омилҳо ба таври зарурӣ кушода нашудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- *коркард карда шудааст:* тавзеҳи моҳият, принсипҳо ва хусусиятҳои сайёҳӣ, масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити муосир, таъсири баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба сатҳи он;
- *пешниҳод шудааст:* асосҳои илмии бозори хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ, омилҳо ва меъёрҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва таъсири онҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт бо назардошти омузиши таҷрибаи хориҷӣ;
- *асоснок гардидаанд*: самтҳои афзалиятноки такмили механизми рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- *баррасӣ гардидааст*: ҷанбаҳои илмию назариявии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва хусусиятҳои хос ва омилҳои ба рушди хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ таъсиррасон;
- *истифода шудаанд*: вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои муосири умумиилмии коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд;
- таҳлили вазъи муосири рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст;
- самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудааст;
- механизми дастгирии давлатии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд (маълумотномаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ №4.2/2-20 аз 30 августи 2023, маълумотномаи ҶДММ "Ҳисор туризм" аз 22.05.2023 ва маълумотномаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 20.05.2023);

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди соҳаи сайёҳӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд;

- тавсияҳои асосии методологӣ ва амалӣ, ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои муосири рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёбанд;

- муайян карда шудааст, ки хусусиятҳои соҳавии сайёҳӣ, ҳангоми таҳлили иқтисодӣ-омории хизматрасониҳои сайёҳӣ бо мақсади таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ равишҳои махсусро талаб мекунанд;

- самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ бо назардошти хусусияти мавсимии вуруд ва судури сайёҳони дохилаву хориҷа бо истифода аз усулҳои оморӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назарияи* таҳқиқот дар заминаи муқарраротии назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисодиёт, сайёҳиву соҳибкорӣ, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилхои таъсиррасон ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастуру супоришҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои оморӣ ва таҳлилии Кумитаи рушди сайёҳӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳои гуногун ва дигар маводи таҳлиливу таҳқиқотӣ сарчашма мегирад;

- *аслият ва навгониҳои* натиҷаҳои таҳқиқот оид ба рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти муассисаҳои соҳа ва тавсияҳои методии коркардшуда, пайдарпайии таҳқиқи назария ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд;

- *коркарди* тавсияҳои илмӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ имконияти пешрафти иқтисодиро таъмин намуда, барои пурзурсозии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташу-даи таҳқиқот, ба монади интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст;

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилдиҳии назария ва амалияи рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Менеҷменти сайёҳӣ», «Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2019-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 12 сентябри соли 2023 қарори сазовор донистани Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ҷурабоев Ғ.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**